ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 17

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13.01.2024, № 17.2

Барои сазовор донистани Абдураҳмон Ҳакимзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя 13.01.2024, суратмаҷлиси №17.1 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдураҳмон Ҳакимзода 14 июли соли 1990 таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси маркетинг дар бозори байналхалқӣ хатм намудааст.

Соли 2016 шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси магистр аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Айни замон дар кафедраи менеҷмент ва маркетинг ба ҳайси муаллими калон кору фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервиси (ҳоло менеҷмент ва маркетинг) Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– Абдуллоева Лола Ибодуллоевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар маҷлиси муштараки кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 25-уми декабри соли 2023, протоколи №5/1 баррасӣ гардида, аз тарафи раисикунандаи ҷаласса, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Саидова М.С., муқарриз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории донишгоҳи номбурда Сафоев А.К. ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедра Аҳмадова М.Ф. имзо шуда, аз тарафи Ректори донишгоҳ д.и.и., профессор Асрорзода У.С. санаи 26.12.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Абдураҳмон Ҳакимзода сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият, иқтисодиёти соҳибкорӣ мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр намудааст.

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ”// Абдураҳмон Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №1 (45). – С. 75-82.

[2-М]. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар//Муртазоев О.Қ., Абдураҳмон Ҳ.//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз// Нашрияи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (82). – С. 134-144.

[3-М]. Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46). – С. 176-182.

[4-М]. Нақши борҷома дар баланд бардоштани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ // Абдураҳмон Ҳ., Асоева М.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2-2 (47). – С. 33-42.

[5-М]. Мушкилоти рушди минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”// Абдураҳмон Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2022. №1 (40). – С. 107-111.

[6-М]. Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ/Абдураҳмон Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 4-2 (34) Душанбе, 2020. – С. 13-22.

[7-М]. Фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ // Ҳамитов М.С., Ҳакимов А.А., Абдураҳмон Ҳ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2019. 2 (27) – С. 12-18.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:

1. Мирсаидов С.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1). Дар қисмати назариявии автореферат баъзе паҳлуҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври кофӣ тавзеҳ дода нашудааст. 2). Дар автореферат баъзе иштибоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

2. Солиев Н.Н. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи рушди хизматрасониҳои байналмилалию дохилии Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бо чунин эродҳо: 1) Чи гунае, ки аз автореферати муаллиф маълум мегардад дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (саҳ. 68-112) мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Хуб мешуд агар дар ин боб ҷиҳати рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, маркетингӣ, логистикӣ, фурӯш ва робитаҳои байналмилалии фаъолияти субъектҳои соҳибкории

истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод мегардид; 2) Дар боби сеюми диссертатсия бояд аз ҷониби муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар умум не, балки ба таври конкретӣ муайян карда шуда, ҳамзамон нақшаи дурнамо таҳия карда мешуд.

3. Мирзобеков Х.Д. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, бо чунин эрод: 1) Аз автореферати муаллиф маълум гардид, ки дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра мавриди таҳлил қарор дода нашудааст; 2) Дар боби сеюми диссертатсия беҳтар мешуд агар ҷиҳати беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётию логистикии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда мешуд.

4. Шукуров К.И. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар боби сеюми диссертатсия тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пурра коркард ва пешниҳод нагардидааст; 2) Хуб мешуд агар дар боби сеюм дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ то давраи муайян ба таври ҷадвал нишон дода мешуд.

5. Имомназаров М.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1). Дар боби дуюми диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода нашудааст. 2). Дар автореферат баъзе иштибоҳоти имлоию техникӣ низ ба назар мерасад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст;

– таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, имкониятҳои истифодаи он дар таҷрибаи ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шудааст;

– омилҳои таъсиррасон ба ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудааст;

– самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ошкор шуда, тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод гардидааст;

– тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ асоснок ва пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

– асосҳои назариявию методии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст;

– таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиш таҳлил қарор дода шудааст;

– таҳлили ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст;

– омилҳои таъсиррасон ба ҳолат ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳқиқ ва таҳлил гардидааст;

– самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон асоснок ва таҳия карда шудааст;

– ҷиҳати ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо коркард ва пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

– муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

– самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боназардошти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

– назария дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи соҳибкорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳамчунин рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ асос ёфтааст;

– ғояи таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳо, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

– татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия барои такмили назария ва амалияи рушди соҳиибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад;

– хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барнома, дастурҳо ва комплексҳои таълимӣ аз фанҳои соҳавии иқтисодӣ, аз ҷумла “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ”, “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, “Тиҷорати байналмилалӣ” ва ғайра татбиқ гардидаанд.

– муқаррароти асосии диссертатсия дар 22 кори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр гардиданд;

– натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маводҳои конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инчунин, дар дигар маҷмуаҳои илмӣ аз соли 2015 то 2023 маърӯза гардидаанд;

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 13 январи соли 2024 қарори сазовор донистан Абдураҳмон Ҳакимзода бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

Санаи барасмиятдароии хулоса - 15 январи соли 2024